# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи **Самадов Миршод Самадович** дар мавзуи “Асосҳои педагогии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)

Дар замони муосири таъмини таҳсилоти босифат баланд бардоштани сатҳу сифати тайёр карда шудани омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ дар низоми таҳсилоти олии касбии педагогӣ ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу усули ҷадиди педагогиро дар раванди таълим тақозо мекунад. Воқеан, омода намудани кадрҳои педагогӣ оид ба риштаи тарбияи ҷисмонӣ, фароҳам овардани шароитҳои хуби беҳбуди раванди машғулиятҳо коркарди асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони ин фанро ба маразн муҳокима ва таҳқиқу тадрис мегузорад.

Омодагии мухассилини макотиби олии кишвар ба фаъолияти минбаъдаи касбӣ аз самаранокӣ ва сифатнокии ташкили раванди таълим дар донишкадаю донишгоҳҳо вобастааст. Ҳадафи бевоситаи назария ва методикаи таълими фанни “Тарбияи ҷисмонӣ” таъмини сатҳи баланди омодагии донишҷӯён ба таълими фанни мазкур дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва олӣ мебошад.

Рӯ овардани унвонҷӯ Самадов М.С. ба мавзуи мазкур бесабаб нест, зеро дар ин самт мушкилот ва муаммоҳои ташкилӣ зиёд буда, муносибати ҷиддиро ба тарбияи ҷисмонии насли наврас аз ҷониби омӯзгорони ояндаи ин фан тақозо мекунад.

Шиносоӣ бо диссертатсия ошкор кард, ки проблемаи асосӣ ва ғояи пешбарандаи онро кӯшиши муаллиф дар самти натиҷагирӣ аз консепсияи назариявӣ ва педагогиву психологии олимони ватаниву бурунмарзӣ, ки асосҳои бунёдӣ ва методологии омода кардани омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмониро муқаррар намудаанд, ташкил мекунад.

Чунонки аз муҳтавои автореферат бармеояд, диссертатсияи унвонҷӯ Самадов М.С. собит месозад, ки самаранокии фаъолияти минбаъдаи касбии омӯзгори оияндаи "Тарбияи ҷисмонӣ" дар сурате имконпазир мегардад, ки, агар ӯ ба салоҳияти зеҳнӣ-маърифатӣ, тарбияи ҷисмонӣ, варзиш ва рушди умумифарҳангии худ муваффақ шуда бошад. Дар ин росто парвариши сифатҳои баланди касбӣ, худшиносӣ, худинкишофёбӣ, рушди салоҳият ва қобилият, фарҳанги муносибат ва муоширaт, фаъолияти босамари касбии омӯзгори ояндаи тарбияи ҷисмонӣ мақоми махсус ва баландро тақозо мекунад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот низ ҷолиб буда, дар он дастовардҳо ва тамоюлҳои рушди педагогикаи ватанӣ дар самти таҳсилоти касбӣ дар алоқамандӣ бо омодагии касбии омӯзгорони ояндаи тарбияи ҷисмонӣ ҳаллу фасл гардидааст. Дар рисола баҳамалоқамандӣ ва ҳамкории ҷузъҳои асосии омодагии омӯзгори оянда оид ба «Тарбияи ҷисмонӣ» асоснок карда шуда, собит шудааст, ки натиҷаи чунин ҳамкорӣ боиси баланд шудани сифати машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ мегардад.

Шиносоӣ бо муҳтавои автореферати диссертатсияи унвонҷӯ Самадов Дилшод Самадович нишон дод, ки дар баробари дастовардҳо дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла:

1. Натиҷаҳои озмоиши педагогӣ мебоист васеъ шарҳу эзоҳ меёфтанд.

2. Дар матни автореферат баъзе хатоҳои имловӣ, грамматикӣ, китобатӣ ва техникӣ дучор мешаванд (саҳ. 6, 9, 14, 17, 22 ва ғ.).

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Самадов Миршод Самадовичро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли мавзӯи интихобкарда унвонҷӯ аз адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷи кишвар васеъ истифода карда, андешаҳои худро перомуни ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи

ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ амиқ ва васеъ таҳқиқ кардааст. Муаллиф таҳқиқи масъалаи гузошташударо дар робита бо асосҳои бунёдӣ ва методологии ташаккули сифатҳои касбии омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳлил ва таҳқиқ қарор додааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Самадов Миршод Самадович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои педагогӣ,
сармутахассиси шуъбаи педагогика ва
таҳсилоти муосири Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон,
профессор **Негматов Садуллоҷон Эргашевич**

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Адҳамов, 11/ 2.
**Телефон:** (+992) 918 50 63 18
**E-mail:** snegmasi @ rambler. ru

Имзои профессор С.Э.Негматовро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ М.Саидова